**аз 31.08.2021, №416**

"Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»"

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 «Дар бораи Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Маркази такмили ихтисос ва мақомоти ҳудудии андоз иҷрои бандҳои Нақшаи кории мазкурро ба пуррагӣ таъмин намуда, натиҷаи иҷрои онро пайваста ҷамъбаст ва то 10 январи соли дахлдор ба Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.
3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Маркази такмили ихтисос ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз (муовини сарпарасти Раёсати таъмини ҳуқуқӣ) вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Бо фармоиши
Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» августи соли 2021, №416
тасдиқ шудааст

# НАҚШАИ
## кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Иҷрокунандаҳо | Натиҷаи чашмдошт |
|---|---|---|---|---|
| 1/9 | Давра ба давра ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ пеш аз ҳама:<br><br>- оид ба пешгирӣ ва ошкор кардани кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ, ҳамчунин маблағгузории онҳо;<br><br>- оид ба ошкор ва пешгирии ҷиноятқорӣ дар самти саркашӣ аз пардохти андозҳо; | Мунтазам | Сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Маркази такмили ихтисос ва мақомоти ҳудудии андоз<br><br>Сарраёсати назорати андоз, Сарраёсати маъмурикунонии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ситонидани қарзи андозҳо, Маркази такмили | Беҳтар гардидани ваъи мубориза бо ҷиноятҳои алоҳида |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - оид ба пешгирӣ ва ошкор намудани қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом. | | ихтисос ва мақомоти ҳудудии андоз<br><br>Сарраёсати назорати андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Сарраёсати маъмурикунонии андоз, Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Маркази такмили ихтисос ва мақомоти ҳудудии андоз | |
| 2/25 | Такмили низоми электронии андозбандӣ бо дар назар доштани истифодаи васеи системаҳои компютерӣ, такмили системаи баҳисобгирӣ ва бақайдгирии андозсупорандагон, манбаҳои андоз, такмили самарабахши фаъолияти мақомоти андоз. | 2022-2023 | Сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва мақомоти ҳудудии андоз | Пешгирии содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ |

Эзоҳ: Нақшаи корӣ дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 «Дар бораи Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» таҳия шудааст.